# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисола ва автореферати номзадии Иброгимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳқиқи муқоисавии масоили грамматикаи функсионалӣ, алалхусус майдони функсионалӣ-семантикии категорияи локативӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами грамматикаи функсионалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ба ҳанӯз бар мабнои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалаӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор наёфтааст, ки он аз мубрамияти мавзуи мазкур гувоҳӣ медиҳад. Бахусус, он дар забони тоҷикӣ ба туфайли рушду такомули он дар давоми сию се соли Истиқлоли давлатӣ баръало ба чашм мерасад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» яке аз мавзуъҳои мубрам буда, он аз як ҷониб ҷиҳати таълими грамматикаи функсионалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар аудиторияи тоҷикӣ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, он заминаи мусоидро ҷиҳат ҳамаҷониба баррасӣ кардани мавзуъ дар оянда ва ё таҳқиқи дигар категорияҳои грамматикӣ дар асоси принсипу талаботҳои грамматикаи функсионалӣ ба вуҷуд меорад.

Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлил намудани майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисиву тоҷикӣ ва муайян намудани умумият ва тафовут дар байни онҳо мебошад.

Пойгоҳи методологии таҳқиқотро асарҳои илмии забоншиносони ватанию хориҷӣ, аз зумраи А.В. Бондарко, Ю.В. Власова, В.Г. Гак, Е.В. Гулига, Б.А. Илиш, Е.И. Шенделс, О. Есперсен, В.С. Расторгуева, А. Смирнитский, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, П. Ҷамшедов, Н.И. Ғиёсов, С. Назарзода, О.Ҳ. Қосимов, С. Ҷаматов, М.Н. Азимова, Д.М. Искандарова, К. Усмонов, Х. Кучов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори аввал бо истифода аз мисолҳои зиёди забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳқиқи майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони тоҷикӣ дар муқоиса бо дигар забонҳои дунё ба таври васеъ истифода намуд.

Аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур аз он иборат мебошад, ки натиҷаҳои онро ҳангоми хондани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи

функсионалии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, назария ва амалияи тарҷума метавон истифода бурд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва 172 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти тадқиқу баррасии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявӣ ва амалии он асоснок карда шудааст. Дар он мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш, методҳои тадқиқот ва сохтори кор низ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ ва муаммоҳои он»** ном дошта, дар он муаллиф мавзуи баҳси грамматикаи функсионалӣ ва вазифаҳои онро дар асоси омӯзиши осори илмии забоншиносони муосир таҳқиқ намудааст. Инчунин дар ин боби рисола ба мафҳумҳои «грамматикаи функсионалӣ», «майдони функсионалӣ-семантикӣ», «категорияи функсионалӣ семантикӣ» ва «категорияи грамматикӣ» равшанӣ андохта шудааст, ки метавон ба таърифҳои аз ҷониби муаллиф ироагардида розӣ шуд.

Гузашта аз ин, дар ин боби диссертатсия диссертант Иброгимова Машҳурахон категорияи локативиятро аз нуқтаи назари майдони функсионалӣ-семантикӣ ва инчунин сохтор ва таркиби майдони функсионалӣ-семантикии локативиро дар забонҳои мавриди назар таҳқиқ намуда, роҷеъ ба онҳо андешаҳои аз лиҳози илмӣ асоснок баён намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** номогузорӣ шуда, дар он воҳидҳои наҳфӣ, сарфӣ ва фразеологӣ, ки дар ифодаи макони предмет ва рӯйдоду ҳаводис дар фазо дар забонҳои муқоисашаванда нақши махсус доранд, аввал дар алоҳидагӣ ошкор гардидаанд ва сипас муқоисаи онҳо бар мабнои ҳарду забон ба роҳ монда шудаанд. Масалан, муаллифи диссертатсия дар фасли якуми боби дуюми рисола воҳидҳои наҳфӣ, сарфӣ ва фразеологии ифодакунандаи музофоти майдони хурди ҷойгиршавӣ дар забони англисии муосирро, ки аз ҷумлаи созмонҳои наҳвии пешояндори зарфӣ, ибораҳои ифодакунандаи маънои масофаи байни объектҳо, пажежи соҳибии исм, феълҳои таркибӣ бо зарфҳои макон, воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи маънои ҷойгиршавӣ ва феълҳои таркибии ифодакунандаи маънои ҷойгиршавӣ мебошанд, ошкор сохта, муодилҳои онҳоро дар забони тоҷикӣ муайян намудааст ва он ҷолиби диққат мебошад.

Гузашта аз ин, Иброгимова Машҳурахон дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия воҳидҳои лингвистии ифодакунандаи маконро дар забони тоҷикӣ муайн намуда, хусусиятҳои фарқкунанда ва монанди воҳидҳои лингвистии ифодакунандаи майдони хурди ҷойгиршавиро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо истифода аз ҷадвалҳо нишон додааст, ки он яке аз дастовардҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Боби сеюми диссертатсия **“Майдони хурди ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** буда, дар он воҳидҳои забонии ифодакунандаи майдони ҷойивазкунӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва

хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи онҳо бо мисолҳои мушаххасу муътамад муайн карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ин боб нишон медиҳанд, ки ҳудуди музофотии майдони хурди ҷойивазкуниро дар забони англисӣ унсурҳои сатҳи синтаксисӣ, морфологӣ (падежи объектии исм) ва фразеологӣ (феълҳои фразавӣ) муаррифӣ мекунанд. Дар забони тоҷикӣ бошад, ҳудуди музофотии майдони хурдро иборахову воҳидҳои сатҳи нахфӣ ва фразеологӣ ташкил медиҳанд, ки метавон ба он розӣ шуд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки он аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи банашррасида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи нашршуда дар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва автореферат аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Мебоист муаллифи диссертатсия номи мавзуъро «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ мекард, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар бештари корҳои илмии самти забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалаӣ муқоисаи сохтори грамматикии забони давлатӣ ё ки модарӣ бо сохтори грамматикии забони хориҷӣ сурат мегирад, на балки баръакс.

2. Баъзе истилоҳоти аз ҷониби диссертант истифодабурдашуда аз забони русӣ гартабардорӣ карда шудааст ё айнан тарҷума шудааст, ки онҳоро метавон бо истилоҳоти забони тоҷикӣ иваз кард (масалан: мисолҳои фактологӣ, маводи фактологӣ, грамматикаи функсионалӣ ва ғ.)

3. Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ва лексикӣ дида мешаванд (саҳ.4,14, 19, 21 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф карда хоҳанд шуд.

Автореферати диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи диссертатсияи Иброгимова Машхурахон Тураҷоновна дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз: н.и.ф, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои
Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Комилов Мирато Миршаробович

10-уми апрели соли 2025

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 869 95 66
E-mail: miratokomilov@yahoo.com

Имзои М. Комиловро
тасдиқ мекунам: Сардори
раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи
С. Айнӣ Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС